*УДК 323.2*
*DOI 10.24412/3005-8023-2026-2-206-215*

***БАЪЗЕ ҶИҲАТҲОИ ҶАЛБИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БА СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ТОҶИКИСТОН***

***Солиев Шарофиддин Холович,*** *н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ УЧАСТИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В АНТИКОРРУПЦИОННОЙ ПОЛИТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА***

***Солиев Шарофиддин Холович,*** *канд. полит. наук, доцент каф. политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SOME ASPECTS OF CIVIL SOCIETY PARTICIPATION IN TAJIKISTAN'S ANTI-CORRUPTION POLICY***

***Soliev Sharofiddin Kholovich,*** *candidate in Politology, associate professor of political studies department under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***e-mail:*** *sharof55@yahoo.com*

*Масъалаҳои ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба бархе ҷанбаҳои ин масъала равшанӣ бахшида шудааст. Зикр гардидааст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия, хусусан дар самти пешгирии ин зуҳуроти номатлуб метавонад нақши муассире дошта бошад. Ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат бо коррупсия муҳим дониста мешавад. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот ва мониторинги Статегияи зиддикоррупсионии Тоҷикистон хулоса шудааст, ки дар шароити Тоҷикистон ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия чандон самаранок намебошад. Омилҳои таъсиррасон ба ҳолати мазкур зикр гардидаанд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти зиддикоррупсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат бо коррупсия тавсия карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия; ҷомеаи шаҳрвандӣ; шаффофият; муқовимат; таҳаммулнопазирӣ*

*Рассматривается проблема участия гражданского общества в борьбе с коррупцией в Таджикистане. Освещаются некоторые аспекты этой проблемы. Отмечается, что гражданское общество может играть эффективную роль в борьбе с коррупцией, особенно в предотвращении этого пагубного явления. Важное значение в борьбе с коррупцией придается сотрудничеству между гражданским обществом и государственными органами. В результате анализа результатов исследований и мониторинга Антикоррупционной стратегии Таджикистана сделан вывод, что участие гражданского общества Таджикистана в борьбе с коррупцией не очень эффективно. Указаны факторы, влияющие на эту ситуацию. Рекомендуется координация антикоррупционной деятельности гражданского общества с работой специализированных органов по борьбе с коррупцией.*

***Ключевые слова:*** *коррупция; гражданское общество; прозрачность; сопротивление; нетерпимость*

*This article examines the issue of civil society participation in the fight against corruption in Tajikistan. Several aspects of this issue are highlighted. It is noted that civil society can play an effective role in the fight against corruption, particularly in preventing this pernicious phenomenon. Cooperation between civil society and government agencies is considered essential in the fight against corruption. An analysis of the research and monitoring results of Tajikistan's*

*Anti-Corruption Strategy concluded that civil society's involvement in the fight against corruption in Tajikistan is not very effective. Factors influencing this situation are identified. Coordination of civil society's anti-corruption activities with the work of specialized anti-corruption bodies is recommended.*

***Key-words:*** *corruption; civil society; transparency; resistance; intolerance*

Давоми даҳсолаҳои охир муқовимат бо коррупсия ба яке аз ҳадафҳои муҳимми низоми идории Тоҷикистон табдил шудааст. Васеъ паҳн шудани зуҳуроти коррупсия дар кишвар боиси нигаронии Ҳукумати Тоҷикистон гардид, ки дар ин замина барои рафъи мушкилоти зикршуда чораҳои мухталифи амалӣ андешида шуданд. Дар самтҳои мухталиф барномаҳо ва иқдомҳои зиддикоррупсионӣ таҳия ва амалӣ гардиданд, то сатҳи ин мушкилот коҳиш дода шавад. Ҳатто барои муқовимат бо ин зуҳурот ниҳоди махсусе таъсис гардид, ки то ба имрӯз фаъолият намуда истодааст. Кӯшишҳои зиёде дар самти муқовимат бо коррупсия амалӣ гардид, аммо то ба ҳол сатҳи ин мушкилот дар Тоҷикистон нигароникунанда мебошад. Чуноне ки дар радабандии Индекси дарки коррупсияи Созмони шаффофияти байналмилалӣ мушоҳида мешавад, вазъи кишвари мо оид ба мушкилоти коррупсия дар давоми даҳсолаи охир рӯ ба беҳбудӣ наовардааст. Дар радабандии охири ин созмон барои соли 2025-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гирифтани 19 хол аз 100 холи муқарраршуда (100 – орӣ аз коррупсия) дар миёни 182 кишвари радабандишуда дар ҷойи 166-ум қарор дода шудааст. Албатта, чунин ҳолат бори дигар кишвари моро водор ба он менамояд, ки нисбати мушкилоти коррупсия таваҷҷуҳ намояд ва роҳҳои муассири муқовимат бо ин мушкилот пайдо карда шаванд. Дар зер нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар Индекси дарки коррупсия оварда шудааст, ки баёнгари ҳолати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2023-2025 мебошад.




*(https://www.transparency.org/en/cpi/2025/index/tjk)*

Чунин нишондиҳандаи Тоҷикистон дар ин радабандӣ боиси коҳиши симои байналхалқии он мегардад ва ба ҷалби сармоягузорӣ низ монеъ эҷод менамояд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҷанбаҳои мухталифи сиёсати зиддикоррупсионии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор диҳем, то мушкилии дар ин самт ҷойдошта ба таври тадриҷӣ ҳалли худро пайдо намояд.

Дар шароити имрӯза чунин дидгоҳе миёни муҳаққиқони мушкилоти коррупсия, созмонҳои байналхалқии муқовиматкунанда бо ин зуҳурот, донорҳои байналхалқӣ, низоми идории кишвар ва аҳли ҷомеа шакл гирифтааст, ки рафъи коррупсия ҳамкории давлату ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар умум фаъолгардонии тамоми ҷомеаро тақозо менамояд. Аз ин рӯ,

дар шароити имрӯза фаъол намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат бо коррупсия муҳим дониста мешавад. Албатта, нақши муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия мавриди эътироф қарор гирифтааст, аммо саволе метавонад дар ин маврид ба миён ояд, ки вазъи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон чи гуна аст? Тамоюл ва хосиятҳои ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон чи гуна мебошад? Барои баррасии вазъи имрӯзаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон мо ба мониторинги стратегияи зиддикоррупсионӣ, ки аз ҷониби Агентии давлатии назорати молиявӣ ва муқовимат бо коррупсия баргузор карда шудааст, давраи панҷуми Мониторинги Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) оид ба иҷрои нақшаи Инстанбулӣ, ҳамчунин мушоҳидаҳои хеш перомуни ҳолати мавҷудаи масъала такя менамоем.

Дар шароити имрӯза муҳим аст, то давлат ва мақомоти давлатӣ дар муқовимат бо коррупсия ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеаро васеъ гардонанд. Ҷалби васеи мардум дар ин самт ва тарбияи рӯҳияи зиддикоррупсионӣ метавонад ба таври тадриҷӣ заминаҳои зуҳури коррупсияро дар ҷомеаи мо заиф гардонад. Аз ин рӯ, дар ин самт ҳама гуна фаъолияти пешгирикунанда ва муқовиматкунанда бо коррупсия метавонад муҳим бошад. Хусусан рафъи заминаҳои зуҳури коррупсия метавонад муҳим бошад, ки дар ин самт ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа дар умум метавонанд нақши муассир дошта бошанд. Он нуктаро зикр намудан бамаврид аст, ки мушкилоти коррупсия дар Тоҷикистон то як андоза реша дар бофтҳои иҷтимоии мо дорад. Ҳамаи хизматчиёни давлатие, ки даст ба фасодкорӣ мезананд, албатта, баромада аз бофтҳои иҷтимоии ҷомеаи мо мебошанд. Дар ин самт мо наметавонем, таъсири омилҳои замониву ҳолатӣ ва дохиливу беруниро мадди назар созем. Аммо ба ҳар сурат чигунагии таълиму тарбия низ ба зуҳури мушкилоти коррупсия дар ҷомеаи мо метавонад мусоидат дошта бошад. Чигунагии муносибати мардум ба мушкилоти коррупсия аз навъи шинохти онҳо аз ин мушкилӣ бармеояд. Ба таҳаммулпазир будан ва ё набудани мардум нисбати мушкилоти коррупсия боварҳои онҳо таъсир мегузоранд. Барои мисол, дар ҷомеаи мо чунин зарбулмасал ва мақолҳое мавҷуданд, ки метавонанд ба зуҳури амалҳои коррупсионӣ заминасоз бошанд [4].

Таҳқиқот дар мавриди мушкилоти коррупсия шароитҳои мухталифи фаъолгардонии ҷомеаи шаҳрвандиро дар муқовимат бо коррупсия ироа намудаанд. Барои мисол, муҳаққиқ А. Калих чунин зикр намудааст, ки назорати коррупсия танҳо дар сурати фаъолияти якҷояи давлат ва ниҳодҳои ғайридавлатӣ ҳамчун акторҳои баробар имконпазир мегардад [11]. Албатта, дар ҳама сурат эътирофи субъектҳои ғайридавлатӣ дар муқовимат бо коррупсия метавонад муҳим бошад. Муқовимат бо коррупсия танҳо бо ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ фарогир намегардад ва муҳим аст, то заминаҳои зуҳури он шиносоӣ ва заиф гардонида шаванд. Дар ин самт, хусусан дар тарбияи рӯҳияи зиддикоррупсионӣ ва таҳаммулнопазирӣ бо ин зуҳурот нақши субъектҳои ғайридавлатӣ метавонад арзишманд бошад.

Дар муқовимат бо коррупсия ду муносибати асосиро ҷудо менамоянд, ки аввалӣ муқовимат «аз боло» ва дувумӣ «аз поён» мебошад. Дувумӣ бештар аз муҳиммияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо мушкилоти коррупсия дарак медиҳад. Мушкилӣ дар дидгоҳи аввалӣ аз он иборат аст, ки ниҳодҳои масъул ба масъалаи коррупсия барои тағйироти зиддикоррупсионӣ масъул мегарданд. Албатта он субъектҳое, ки аз вазъи мавҷудаи коррупсия фоида ба даст меоваранд, камтар барои аз миён бурдани ин зуҳурот ҳаваманд ҳастанд, назар ба онҳое, ки аз мавҷуди он бештар ранҷ мебинанд. Аз ин рӯ, дар ҳама сурат фаъол намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа дар муқовимат бо мушкилоти коррупсия метавонад натиҷаҳои назаррас ба бор оварад.

Таҳқиқот дар мавриди мониторинги додгоҳҳои ноҳиявӣ аз ҷониби шаҳрвандон дар

Лаҳистон ошкор намудааст, ки ташаббуси шаҳрвандӣ оид ба назорати додгоҳҳо натиҷаҳои назаррасе ба бор овардаанд. Чунин ташаббус назорати қавӣ ва мустақили шаҳрвандиро ба миён оварда, мустақилӣ, шаффофият ва рақобатпазирии додгоҳҳоро тақвият бахшидааст [9].

Яке аз нақшҳои муҳимми зиддикоррупсионии ҷомеаи шаҳрвандиро ироаи таҳлилҳои алтернативӣ нисбати соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бар хилофи мақомоти давлатӣ дар баррасии масъалаҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ беғаразона муносибат менамоянд ва аз ин рӯ таҳлилҳои алтернативии онҳо метавонад барои пешгирии заминаҳои бавуҷудоварандаи коррупсия таъсиргузор бошад.

Лозим ба зикр аст, ки фаъол намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои омӯзиш ва шинохти бархӯрди манфиатҳо ва дар ин замина пешгирии зуҳури амалҳои коррупсионӣ метавонад муҳим бошад. Барои мисол ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар экпертизаи зиддикоррупсионии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шароити Тоҷикистон яке аз намунаҳои омӯзиш ва шинохти бархӯрди манфиатҳо мебошад, ки тавассути ин амал заминаҳои суиистифода аз меъёрҳоро метавон рафъ намуд.

Гурӯҳи муҳаққиқон дар самти фаъолгардии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия иродаи сиёсиро муҳим талаққӣ мекунанд. Албатта зарур аст, ки ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат бо коррупсия на хосияти намоишӣ, балки воқеан ба рафъи заминаҳои мушкилоти коррупсия равона карда шавад. Муҳаққиқ Руслан К. ва дигарон чунин андеша доранд, ки агар иродаи сиёсӣ барои мубориза бо коррупсия вуҷуд надошта бошад, ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳукумат боиси адами эътимод ва бетаъсир мегардад [14, с.22].

Дар шароити имрӯза пешгирии коррупсия назар ба мубориза бо ин зуҳурот муҳим växдониста мешавад. Ҳатто ба таври самаранок амалӣ намудани кодекси ҷиноӣ дар ҳоле сурат мегирад, ки зуҳуроти коррупсия аллакай рух дода, паёмадҳои манфии хешро ба ҷомеа боқӣ гузоштаанд [18].

Дар конвенсияи зиддикоррупсионии СММ пешгирӣ намудани зуҳуроти коррупсионӣ, ҳамчунин андешидани чораҳои самарабахши муқовимат бо он вазифаи муҳимми давлатҳо дониста шудааст. Аз ҷумла дар моддаи 5-уми ин Конвенсия чунин омадааст: а) таҳия ва амалӣ намудани сиёсати самаранок ва ҳамоҳангии зиддикоррупсионӣ; б) ба роҳ мондан ва мусоидат кардан ба амалияи самарабахшу ҳадафманд барои пешгирии коррупсия; в) ба таври даврагӣ арзёбӣ намудани абзорҳои мувофиқи ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои маъмурӣ ба хотири дарки короями онҳо дар пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия [16, с.2].

Ба андешаи гурӯҳи муҳаққиқон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо назарияҳои меъёрие пайванданд, ки нақши меҳварии ҷомеаи шаҳрвандиро барои таъмини ҳисоботдиҳандагии хизматчиёни маъмурӣ, маҳдуд намудани коррупсия, ошнобозӣ ва мизоҷгароӣ зикр мекунанд [6;7].

Муҳаққиқон А.Н. Баротӣ, М. Шарифӣ, М.Ҳ. Нематӣ ва Ф.К. Бирганӣ барои ҳисоботдиҳандагии иҷтимоӣ ва фаъолии ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷудияти чор унсур ва мутобиқати онҳоро дар ҷомеа зарур мешуморанд:

- меъёри бартаридоштаи ростқавлӣ ва поквиҷдонӣ дар ҷомеаи муайян, сармояи шаҳрвандӣ;
- амалияи маъмули иштирок дар фаъолиятҳои дастаҷамъонаи расмӣ ё ғайрирасмӣ, ки дар атрофи манфиатҳо, ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак сурат мегиранд, сармояи иҷтимоӣ;
- шабакаи иттиҳодияҳои ихтиёрӣ (аз ҷумла созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар фаҳмиши ғарбӣ аз ин истилоҳ), ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- иштироки устувор ва ҳамкории сиёсӣ аз номи ҷомеаи шаҳрвандӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ [8, с.177].

Ҳамчунин муҳаққиқони мазкур зикр намудаанд, ки дар мубориза бар алайҳи

мушкилоти коррупсия бидуни дастгирӣ, иштирок ва ҳушёрии шаҳрвандон ғолиб омадан ғайриимкон аст [8, с.180].

Дар мавриди самтҳои фаъолии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия он ҷиҳатро зикр намудан зарур аст, ки он дар заминаи чигунагии мусоидати мақомоти давлатӣ ба ин фароянд сурат мегирад. Агар бархе аз фаъолиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо мушкилоти коррупсия ба таври ихтиёрӣ ва озодона сурат гирад, пас қисме аз фаъолиятҳо мусоидати ҳатмии ниҳодҳои давлатиро тақозо менамояд. Зарур мешуморем, ки давлат ва мақомоти давлатӣ ба хотири самарабахш намудани фаъолиятҳои зиддикоррупсионии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бархе самтҳо мусоидати воқеӣ намоянд. Чунин мусоидат метавонад дар шакли ба роҳ мондани ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ё заминасозии зарурӣ сурат бигирад. Ёдовар шудан зарур аст, ки фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар танҳоӣ кофӣ намебошад.

Ба андешаи мо фаъолияти мониторингии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба иҷрои барномаҳои давлатӣ ва сиёсатгузорӣ дар соҳаҳои мухталиф, баргузории экспертизаи зиддикоррупсионии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таъмини ҳисоботдиҳандагии мақомоти давлатӣ ва дар ин замина рушди шаффофияти хизмати давлатӣ, рӯзноманигории таҳқиқотӣ, таҳлил ва арзёбии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар умум ҳамкории мақомоти давлатиро тақозо менамояд. Самтҳои зикршудаи фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бинобар дахл доштан ба амали мақомоти давлатӣ метавонад то як андоза монеъаҳои мухталифро ба миён оварад. Аз ин рӯ, бунёди фазои ҳамкорӣ миёни мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити кишвари мо мувофиқи мақсад мебошад. Фароҳам овардани замина ва ба роҳ мондани ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия метавонад боварии миёни онҳоро таҳким бахшад.

Дар шароити имрӯза то як андоза мақомоти давлатӣ ва низоми сиёсӣ аз фаъолияти зиддикоррупсионии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зери сарпарастии акторҳои берунӣ нигарон мебошанд. Таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳанд, ки фаъолияти зиддикоррупсионии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зери сарпарастии акторҳои берунӣ метавонад заминае барои ноорамии сиёсӣ гардад ва эътимоди низомҳои сиёсиро дар умум ба онҳо бикоҳонад. Намунаи чунин ҳолатро метавонем аз таҷрибаи Фонди зиддикоррупсионии Федератсияи Русия мисол оварем, ки аз ҷониби Алексей Навалний таъсис ёфта буд. Фаъолияти ин созмон боиси баргузории намоишҳои эътирозӣ дар ин кишвар гардид, ки метавонист амнияти ҷамъиятиро ба ҳам занад. Чунин ҳолат боиси маҳдуд намудани созмонҳо ва кумитаҳои зиддикоррупсионӣ дар Федератсияи Русия гардиданд [12, с.46]. Албатта чунин ҳолат ба фаъолияти зиддикоррупсионии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар дигар кишварҳо бетаъсир намонд.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон шароитҳои муайянеро чун фаъолияти ВАО, шаффофияти ҳокимият, рақобати сиёсӣ, мавҷудияти заминаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро, ки қисман аз ҷониби ҳукуматҳои миллӣ шакл дода мешаванд, барои фаъолияти зиддикоррупсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим талаққӣ намудаанд [10; 13; 15; 17]. Аз муҳтавои дидгоҳи ин гурӯҳи муҳаққиқон чунин бармеояд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ нерӯи танҳо ва мустақили муқовиматкунанда бо мушкилоти коррупсия набуда, дар ин самт самараи кори он аз фаъолияти дигар субъектҳо вобастагии амиқ дорад.

Барои дарки бархе ҷиҳатҳои муқовимати ҷомеаи шаҳрвандӣ алайҳи коррупсия дар шароити Тоҷикистони имрӯза баррасии таҳқиқоти анҷомшуда аз ҷониби Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мешуморем. Дар соли 2025-ум аз ҷониби ин ниҳоди таҳқиқотӣ пурсиши сотсиологӣ оид ба дарки коррупсия аз тарафи мардуми кишвар баргузор карда шуд. Дар натиҷаи ин пурсишнома баъзе

ҷиҳатҳое ошкор карда шуданд, ки ба масъалаи фаъолгардонии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат бо коррупсия бевосита дахл дошта метавонанд. 35.5 фоизи респондентҳо кофӣ будани огоҳии аҳолиро перомуни паёмадҳои зараровари коррупсия зикр намуданд, дар ҳоле ки 51.5 фоизи онҳо огоҳии мардумро оид ба ин мушкилот кофӣ намешумориданд. Ҳатто 13 фоизи пурсидашудагон огоҳии ҷомеаро аз мушкилоти коррупсия чандон муҳим низ намедонистанд. Ҳамчунин 57.4 фоизи респондентон нақши муҳим доштани шаҳрвандонро дар мубориза бо зуҳуроти коррупсия зикр намудаанд. Албатта, чунин ҳолат аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тақозо менамояд, ки барои баланд бардоштани огоҳии одамон аз паёмадҳои манфии зуҳуроти коррупсионӣ кӯшиш намуда бошанд [5, с.20].

Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин ошкор намуд, ки респондентон ба нақши назаррас доштани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати зиддкоррупсионӣ чандон эътимоде надоранд. Респондентон ба саволе ки «…киҳо метавонанд дар тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва паст намудани шиддати он саҳми назаррас гузоранд?» чунин ҷавоб гардонидаанд: 30.3 % рӯзноманигорон, 10.9% ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамзамон 50.7%-и респондентон ба он боваранд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рафтори аҳолӣ дар самти муқовимат бо коррупсия каму беш таъсир мерасонад [5, с.38].

Дар Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба давраи соли 2030 мустаҳкам намудани низоми ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия муҳим дониста шудааст. Ҳамчунин дар ин ҳуҷҷати муҳимми зиддикоррупсионӣ таъмини иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат бо коррупсия тақозо карда мешавад. Зиёда аз ин зербоби алоҳидаи стратегияи нави зиддикоррупсионии Тоҷикистон ба иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди муқовимат бо коррупсия ва боло бурдани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ нигаронида шудааст [3].

Соли 2024 мониторинги иҷрои Стратегияи зиддикоррупсонии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ахбори ироашуда аз натиҷаи ин мониторинг то ба як андоза баёнгари вазъи ҷалбгардии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон мебошад.

Дар самти боло бурдани маърифати зиддикоррупсионии мардум нақши муассисаҳои таълимии олӣ ба таври махсус зикр карда шудааст. Солҳои охир аз ҷониби масъулини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русия-Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дастуру воситаҳои таълимӣ ва ҷузваҳо таҳти унвони «Сиёсати зиддикоррупсионӣ», «Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта», «Ҳуқуқи зиддикоррупсионӣ», «Проблемаҳои тафтишот ва пешгирии коррупсия» ва «Ҳаёт бидуни коррупсия» нашр шудаанд [1, с.44]. Албатта нашри чунин маводҳо барои дарки ҷавонони донишҷӯ аз мушкилоти коррупсия бисёр муфид мебошанд, зеро онҳо дар оянда сафи хизматчиёни давлатиро дар кишвар пурра мегардонанд.

Ҳамчунин барои ба роҳ мондани тарғиботи зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Воситаҳои ахбори омма муқобили коррупсия» эълон ва баргузор гардид, ки ҳадаф аз роҳандозии он дарёфти беҳтарин мавод дар мавзуи пешгирии амалҳои коррупсионӣ, ҳамзамон тарғибу ташвиқ ва оммафаҳм гардонидани роҳҳои бартараф сохтани мушкилоти мавҷудаи ҷомеа буд. Маводҳои ҷамъшуда дар озмун дар шакли маҷмӯа таҳти унвони «Васоити ахбори омма муқобили коррупсия» барои нашр омода шуд, ки ҳамчун дастури омӯзишӣ ҷиҳати пешгирии

хатарҳои коррупсионӣ мавриди истифодаи омма қарор хоҳад гирифт.

Ахбори ироашуда танҳо аз ин ду ҳолати ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дарак медиҳад. Дар ҳар ду ҳолат мушоҳида кардан мумкин аст, ки ташаббусҳои муқовимат бо коррупсия аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ пеш гирифта шудааст. Мониторинги Стратегияи зиддикоррупсионии Тоҷикистон нишон дод, ки саҳми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат бо коррупсия солҳои охир коҳиш ёфтааст, ки чунин ҳолат боиси паст рафтани мақоми кишвар дар радабандии байналхалқии Индекси қабули коррупсия гардидааст.

Яке аз самтҳои муҳимми ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия ширкати ниҳодҳои он дар экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меёрии ҳуқуқӣ шинохта шудааст. Аммо, мутаасифона, дар ин самт низ ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чашм намерасад. Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке рукнҳои асосии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб равад ҳам, вале фаъолият дар ин самт беҳбудиро тақозо менамояд. Чуноне ки мониторинги Статегияи зиддикоррупсионӣ нишон додааст, дар аксар маврид аъзои комиссия натанҳо аз салоҳияти болозикр, балки аз таъсиси чунин комиссия умуман маълумот надоранд [1, с.114]. Аз ин ҷо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таъсиси комиссияҳои ҷамъиятии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ танҳо зуҳури расмиятпарастӣ асту халос, на барои беҳтар намудани вазъи муқовимат бо мушкилоти коррупсия. Дар ахбори ироашуда аз натиҷаи мониторинги стратегияи зиддикоррупсионӣ низ хунукназарӣ нисбати иҷрои бандҳои он ҳамчун яке аз омилҳои паст шудани мақоми кишвар дар радабандии байналхалқӣ дониста шудааст.

Мониторинги давраи панҷуми ислоҳоти зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистон вобаста ба нақшаи Истанбулии амал дар мубориза бо коррупсия низ ҳолати ҷалби ҷомеаи шаҳрвандиро нокофӣ баҳогузорӣ намудааст. Мувофиқи андешаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо тими мониторингӣ вохӯрдаанд, Стратегияи зиддикоррупсионии Тоҷикистон дар умум инъикосгари самтҳо ва чораҳои зарурӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад. Аммо онҳо ҳамчунин зикр намудаанд, ки дар раванди таҳияи ин стратегия ҷомеаи шаҳрвандӣ имконияти нокифояи баёни андешаи худро доштааст. Ба гуфтаи намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ онҳо аз он ҳолат дарак надоштанд, ки лоиҳаи Статегияи зиддикоррупсионӣ ва Нақшаи амали он барои машваратҳои ҷамъиятӣ ба нашр расида бошад [2, с.26]. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳамчунин зикр намудаанд, ки кӯшишҳои самарабахше барои таъмини иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мониторинги хариди давлатӣ ва ошкор намудани қоидавайронкунӣ ва хатарҳои эҳтимолӣ карда нашудааст. Агарчанде таъсири мусбати кори платформаи хариди электронӣ ёдовар гардидааст, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамроҳ намудани модули таҳлилиро дар низоми хариди давлатӣ пешниҳод намудаанд. Онҳо дар навбати худ зарурати таъмини истифодаи амалии механизми пешниҳоди шикоятҳоро зикр намудаанд [2, с.86]. Гурӯҳи мониторингӣ ҷалби нисбатан васеи ҷонибҳои ғайриҳукуматиро дар таҳия, мониторинг ва амалисозии сиёсати зиддикоррупсионӣ тавсия додааст [2, с.23].

Дар умум чунон ба назар мерасад, ки солҳои охир саҳми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон коҳиш пайдо намудааст. Ба андешаи мо яке аз омилҳои коҳиш пайдо намудани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати зиддикоррупсионӣ аз вокуниши мақомоти давлатӣ ба фаъолияти зиддикоррупсионии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеояд. Солҳои охир паст рафтани мавқеи воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ғайрифаъол шудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳандагӣ, маҳдудиятҳо дар самти рӯзноманигории таҳқиқотӣ ва ғ. аз он дарак медиҳанд, ки нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат

бо коррупсия низ коҳиш пайдо намудааст. Аз тарафи дигар паст гардидани фаъолияти зиддикоррупсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар умум аз заифгардии нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки солҳои охир ба мушоҳида мерасад вобастагӣ дорад.

Дар умум зикр намудан зарур аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад дар самтҳои мухталифи муқовимат ва пешгирии мушкилоти коррупсия саҳм гузошта бошад. Фаъолиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт ба дастгирии аҳли ҷомеа ва давлат ниёз дорад. Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самти муқовимат бо мушкилоти коррупсия зарур мешуморем, ки заминаҳои мусоид барои фаъолгардонии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт фароҳам карда шавад. Ба андешаи мо ҳамоҳангсозии фаъолияти зиддикоррупсионии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби Агентии давлатии назорати молиявӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳамчунин таҳкими ҳамкориҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ин ниҳод метавонад мувофиқи мақсад бошад. Ташкили шӯроҳои машваратии Агентии зиддикоррупсионӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои шинохти мушкилот ва дарёфти роҳҳои самараноки муқовимат бо он метавонад самараи беҳтаре ба бор оварад.

**_ПАЙНАВИШТ:_**


1. *Ахборот оид ба ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025) бо ҷамъбасти соли 2024, дастрасӣ: www.anticorrption.tj*
2. *Базовый отчет пятого раунда мониторинга антикоррупционных реформ в Таджикистане / Стамбульский план действий по борьбе с коррупцией. - ОЭСР, 2024. - 169 с.*
3. *Государственная стратегия противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период до 2030 года //дастрасӣ: www.anticorruption.tj*
4. *Солиев Ш.Х. Роҳҳои таҳкими таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия дар шароити Тоҷикистони имрӯза // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Дабир, -2022. -№ 2(91). – С. 136-145.*
5. *Ҳисобот доир ба ҷамъбасти натиҷаи тадқиқоти маҷмуии сотсиологӣ оид ба дарки коррупсия аз тарафи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025.- 41с.*
6. *Ackerman, J. Co-Governance for Accountability: Beyond "Exit" and "Voice" // World Development. 2004, 32(3): PP. 447-463*
7. *Arato, A. Accountability and Civil Society. In E. Peruzzotti & C. Smulovitz (eds). Enforcing the Rule of Law: Social Accountability in the New Latin American Democracies. Pittsburgh: University of Pittsburgh Press. 2006.*
8. *Barati A.N., Sharifi M., Nemati M.H., Birgani F.K., The Role of Specialized Civil Society in Challenge Corruption with Glance to IRI // Journal of Public Administration and Governance, 2017, vol. 7, No.3, - PP. 174-189.*
9. *Citizen Monitoring of District Courts in Poland 2010/2011. access: https://courtwatch.pl/en/projects/publications/citizen-court-monitoring-reports/*
10. *Donaghy, M. Do participatory Governance Institutions matter? Municipal councils and social housing programs in Brazil. Comparative Politics, 2011, 44(1), PP. 83–102.*
11. *Kalikh A. The Role of civil society in fighting corruption in Russia and Poland. Institute of Public Affairs, access: https://www.isp.org.pl/uploads/drive/oldfiles/05KalikhFINAL.pdf*
12. *Marina Makarova, Between the state and civil society: anticorruption discourse of movements and nongovernmental organizations in Russia // RSC, Volume 11, Issue 3, September 2019. PP. 39-67*
13. *Marinova, D. When government fails us: Trust in post-socialist civil organizations. Democratization, 2011, 18(1), PP. 160–183.*

*14. Ruslan Codreanu, Mathias Jopp, Victor Lutenco, Eremei Priseajniuc, Martin Sieg, Civil Society and the Fight against Corruption: Promoting effective Anti-Corruption Policies by Reforming the Public Sector and Law Enforcement Authorities, Electronic Recourse, 27p.*
*15. Uhlin, A. The structure and culture of post-communist civil society in Latvia. Europe–Asia Studies, 2010, 62(5), PP. 829–852.*
*16. UNODC: National Anti-Corruption Strategies A Practical Guide for Development and Implementation. 56p.*
*17. Widojoko, J. D. Indonesia's anticorruption campaign: Civil society versus the political cartel. In M. dela Rama & C. Rowley (Eds), The changing face of corruption in the Asia Pacific, 2017, (pp. 253–266).*
*18. www.unodc.org/unodc/en/corruption/prevention.html.*

## *REFERENCES:*

*1. Information on the Condition of Implementation of the State Anti-Corruption Strategy in the Republic of Tajikistan for the Period until 2030 and the Plan of Measures for its Implementation for the First Stage (2021-2025) with a summary for 2024, available at: www.anticorrption.tj*
*2. Baseline Report of the Fifth Round of Monitoring of Anti-Corruption Reforms in Tajikistan on Istanbul Anti-Corruption Action Plan, OECD, 2024. 169 pp.*
*3. State Strategy for Combating Corruption in the Republic of Tajikistan for the Period up to 2030, access: www.anticorruption.tj*
*4. Soliev Sh.Kh. The Ways of Strengthening of Intolerance to Corruption under Contemporary Conditions of Tajikistan // Bulletin of TSULBP, Series of social sciences. – Khujand: Dabir, 2022, № 2(91). – PP. 136-145.*
*5. Report on the Summary of the Results of a Comprehensive Sociological Survey on the Perception of Corruption by Society in the Republic of Tajikistan, - Dushanbe, 2025, 41pp.*
*6. Ackerman, J. Co-Governance for Accountability: Beyond "Exit" and "Voice". World Development. 2004, 32(3): PP. 447-463*
*7. Arato, A. Accountability and Civil Society. In E. Peruzzotti & C. Smulovitz (eds). Enforcing the Rule of Law: Social Accountability in the New Latin American Democracies. Pittsburgh: University of Pittsburgh Press. 2006.*
*8. Barati A.N., Sharifi M., Nemati M.H., Birgani F.K., The Role of Specialized Civil Society in Challenge Corruption with Glance to IRI // Journal of Public Administration and Governance, 2017, vol. 7, No.3, - PP. 174-189.*
*9. Citizen Monitoring of District Courts in Poland 2010/2011. access: https://courtwatch.pl/en/projects/publications/citizen-court-monitoring-reports/*
*10. Donaghy, M. Do Participatory Governance Institutions Matter? Municipal councils and social housing programs in Brazil. Comparative Politics, 2011, 44(1), PP. 83–102.*
*11. Kalikh A. The Role of Civil Society in Fighting Corruption in Russia and Poland. Institute of Public Affairs, access: https://www.isp.org.pl/uploads/drive/oldfiles/05KalikhFINAL.pdf*
*12. Marina Makarova, Between the State and Civil Society: Anticorruption Discourse of Movements and Nongovernmental Organizations in Russia // RSC, Volume 11, Issue 3, September 2019. PP. 39-67 (P,46)*
*13. Marinova, D. When Government Fails us: Trust in Post-Socialist Civil Organizations. Democratization, 2011, 18(1), PP. 160–183.*
*14. Ruslan Codreanu, Mathias Jopp, Victor Lutenco, Eremei Priseajniuc, Martin Sieg, Civil Society and the Fight against Corruption: Promoting effective Anti-Corruption Policies by Reforming the Public Sector and Law Enforcement Authorities, Electronic Recourse, 27 pp.*

**15.** *Uhlin, A. The Structure and Culture of Post-Communist Civil Society in Latvia. Europe–Asia Studies, 2010, 62(5), PP.829–852.*
**16.** *UNODC: National Anti-Corruption Strategies. Practical Guide for Development and Implementation. 56 pp.*
**17.** *Widojoko, J. D. Indonesia's Anticorruption Campaign: Civil Society Versus the Political Cartel. In M. dela Rama & C. Rowley (Eds), The changing face of corruption in the Asia Pacific, 2017, PP. 253–266.*
**18.** *www.unodc.org/unodc/en/corruption/prevention.html.*